# Тақриз

**ба диссертатсияи Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ. – Душанбе, 2025. – 165 с.**

Мусаллам аст, адабиёти гуфтории халқи тоҷик дар радифи фолклори кишварҳои дигар қарор гирифта, бо навъҳои гуногуни жанрӣ ва забону шеваи рангин хусусиятҳои хоси худро дорад. Маҳз бо таърихи куҳан доштани фолклори тоҷик, ки дар он фарҳангу маънавиёти халқ нуҳуфта аст, олимону муҳаққиқон аллакай аз солҳои аввали садаи гузашта ба ҷамъоварию пажуҳиш ва нашру табъи ин сарвати бои маънавӣ оғоз намуданд ва ин анъана то ба имрӯз идома меёбад.

Бо вуҷуди ҳамаи ин бисёр паҳлуҳои ин сарвати маънавӣ аз доираи таҳқиқ берун мондаанд ё ба пуррагӣ ҳалли худро наёфтаанд. Таҳқиқи масоили намудҳои насри гуфторӣ ва навишторӣ дар илми фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик аз ҷумлаи мавзуъҳои марказӣ ба шумор меравaнд. Зеро жанрҳои насрӣ аз устураҳои аҳди бостон маншаъ гирифта, дар масири таърих ба таҳаввулот дучор гашта, дар алоқамандии якдигар инкишоф ёфтаанд.

**Аҳаммияти мавзуи диссертатсияи Шакармамадов Ориф Нисормамадович** пеш аз ҳама, дар он аст, ки то имрӯз истилоҳи илмии “ривоят” дар фолклоршиносии тоҷик ба таври дақиқ ва мушаххас таъйин нашуда ва хусусиятҳои асосии жанрии ривоят, ки онро аз дигар жарҳои насри гуфторӣ ба куллӣ фарқ месозад, ошкор нагардида буд.

Баъзе фолклоршиносон ва адабиётшиносони тоҷик, аз қабили Х. Шарифов, Н. Шакармамадов, Ҷ. Рабиев, Ҳ. Раҳматов, Д. Обидов, Р. Раҳмонӣ, Д. Раҳимӣ ва дигарон дар хусуси сохтор, мазмуну мундариҷа ва дигар вижагиҳои ривоят фикру ақидаҳо баён кардаанд, ки дар шакли мақолаю фишурдаҳо сурат гирифтаанд ва онҳоро метавон оғози таҳқиқи мавзуи мазкур унвон кард.

**Навгонии илмии диссертатсия.** Муҳаққиқ бори нахуст ҷанбаҳои гуногуни ривояти мардумиро, аз ҷумла, муҳтавои асосии ривоят, мавқеи ривоят дар ҳаёти маишӣ ва маънавии мардум, ривоят ҳамчун баёнгари афкори фалсафӣ ва маънавии мардум, ҳамбастагии ривоят бо расму оинҳои мардумӣ, ҳамчун инъикосгари ҳодисаҳои таърихӣ ва хусусияти тарбиявию эстетикӣ доштани онҳо мавриди таҳқиқу баррасии доманадор қарор додааст, ки бешубҳа ташаббуси тоза ба ҳисоб меравад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки масъалаҳои мавриди таҳқиқ бо далелу бурҳонҳои муътамад ва муҳокимаҳои қиёсию хулосабардориҳои амиқи илмӣ баррасӣ шуда, бо корбандии равишҳои муосири методологӣ, маводҳои таҳлилӣ ва бо сохтори муназзам имтиёз мекунад, ки бо мақсаду вазифаи пажуҳиш мувофиқати том дошта, барои ба қадри имкон таҳқиқи мукаммали хусусияти асосии ривоятҳои мардумӣ ва ҳудуди муайян гузоштан байни дигар жанрҳои насри гуфторӣ пойгоҳи муносибро фароҳам овардааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ.** Маводи диссертатсия, ҷустуҷӯ ва ковишҳову бозёфтҳои илмии диссертант дар пажуҳишҳои фолклоршиносону адабиётшиносон, этнографҳо, унвонҷӯёну магистрантҳо ва таълифи дастуру воситаҳои таълимию методӣ ва амсоли ин метавонад мавриди истифода қарор гирад.

Диссертатсияи Шакармамадов Ориф Нисормамадович таҳқиқ ва омӯзиши мазмуну мундариҷаи ривоятҳои халқи тоҷик ва нақши онҳо дар инъикос намудани ҳаёту рӯзгор, расму оинҳои миллӣ ва афкори маънавию фалсафии мардум, ки то ба имрӯз дар фолклоршиносии тоҷик ба тарзи монографӣ пажуҳиш нашудаанд, фаро гирифта, дар ин ҷода таҳқиқоти тоза ва дорои аҳаммияти хоси илмӣ мебошад.

Шакармамадов О. Н. дар боби якуми диссертатсия бо ишора ба ин нукта таъкид кардааст, ки: «Фолклоршиносон то ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ барои таъйин намудани хусусияти жанрии ривоят ҷавоб ва хулосаи аниқ надодаанд. Дар бисёр маврид дар асарҳои илмиву қайдҳои алоҳидаи муҳаққиқон омехтагии ривоят бо дигар асарҳои насри халқӣ чун нақлу ҳикояву саргузашт ба назар мерасад» (саҳ. 18). Бо дарки ин матлаб диссертант ба таҳқиқи як самти муҳимми фолклор, яъне аз нигоҳи мазмуну мундариҷа ҷудо сохтани ривоят аз жанрҳои насри гуфторӣ ва дигар таҳлили фикру андешаҳои мухталифи муҳаққиқон доир ба ин мавзуъ тасмим гирифта, масоили мавриди баҳсро дар сатҳи муносиби илмӣ ҳаллу фасл намудааст.

Диссертатсияи Шакармамадов О. Н. аз нигоҳи мавзуъ, умқу вусъати масъалагузорӣ, баҳсу талошҳои илмӣ ва натиҷагирӣ таҳқиқоти тоза ва аз ҷиҳати илмӣ такмилёфта аст, ки дар фолклоршиносии муосири тоҷик сухани арзишманд мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 1 брошюра, 1 маҷмуа, 19 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия интишор ёфтаанд. Маводи таълифшуда нуктаҳои

асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро ифода намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Шакармамадов О. Н. аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, номгӯйи гӯяндаҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамӣ ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ ва дар қисми тавсифи умумии таҳқиқ – мақсад, вазифа, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ, методологӣ, сарчашма ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ва тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бо низоми муайян ва дар мутобиқат ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ таҳия гардидааст.

Боби якуми диссертатсия – **«Ривоят ҳамчун жанри фолклорӣ ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ»** аз се қисм таркиб ёфта, хусусиятҳои жанрии ривоятро бо таҳлили фикру мулоҳизаҳои муҳаққиқон марбут ба ин масоил, ошкор сохтани шаклу сохтор, мазмуну мундарҷа ва тарзи ифода гаштани ҳодисаҳо дар ривоятҳо муайян кардааст. Дар қисми якум – **«Вижагиҳои жанрии ривоят»** диссертант ба таври иҷмолӣ оид ба истилоҳи “ривоят” ибрози ақида намуда, қайд мекунад, ки дар байни нақл ва ривоят ҳамчун жанрҳои алоҳидаи фолклорӣ ҳудуди аниқ гузоштан мушкил бошад ҳам, ҳар яки онҳо вижагӣ ва тобишҳои хоси жанрӣ доранд, ки агар ин вижагӣ ва тобишҳо бо камоли ҷиддӣ зимни маҷмуи маводҳои аниқу дақиқ мавриди омӯзиш қарор гиранд, истилоҳи аниқу мушаххаси онҳоро ба вуҷуд овардан мумкин мегардад. Ба андешаи муаллиф ривоятҳои топонимӣ вижагиҳои хоси худро доранд, ки маҳз онҳо ривоятро аз дигар жанрҳои насрӣ тафовут месозанд. Инчунин, дар ривоятҳо ҷой доштани этимологияи мардум яке аз хусусиятҳои асосии ин жанр ба шумор меравад. Вобаста ба ин гуфтаҳо диссертант аз рӯйи мулоҳизаҳои олимон ва таҳлили матнҳои ривоятҳо ба хулоса меояд, ки «...ба вуҷуд овардан ва ба аҳли илм пешниҳод намудани истилоҳи дақиқу аниқи илмии навъу намудҳои фолклорӣ ҳамон вақт муяссар мегардад, ки агар аз маҳалҳои гуногуни тоҷикнишин ё худ мардуми форсизабони навоҳӣ ва вилоятҳои мухталиф шаклҳои гуногуни ифода ва ибораҳои ин истилоҳот дастрас шаванд. Ба ҳаллу фасли ин масъала фикру мулоҳизаҳои саҳеҳ ва боэътимоди фолклоршиносон ҳам мусоидат мекунанд» (саҳ. 32).

Дар қисми дуюми боби аввал **«Тафовути ривоят аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ»** дар асоси ишораву мулоҳизаҳои адабиётшиносону фолклоршиносон, ки истилоҳи жанрҳои насри гуфториро шарҳу тафсир додаанд, фикру мулоҳизаҳо баён ёфтаанд. Диссертант дар алоҳидагӣ ақоиди муҳаққиқонро, ки доир ба хусусиятҳои жанрҳои насрӣ андешаҳои худро баён намудаанд, муқоиса намуда, фикрҳои мухталифи онҳоро чунин нишон медиҳад: «ривоятҳо дар бораи офариниши бад – дев, аждар, ҷин, аҷина, албастӣ ва замину осмон ва ҷирмҳои осмонӣ, ки аз тарафи Д. Обидов оварда шудааст, ҳамин мавзуъҳои ҳикояҳои асотириро низ дар бар мегиранд. Ё дар гурӯҳи дигари ривоятҳои динӣ – оид ба пайғамбарон, ҷаннату дӯзах, мазорҳо, ғорҳо, ҷойҳои муқаддас, ҷину аҷина, деву парӣ низ мавзуъҳоеро дар бар гиррифтаанд, ки ҳам дар жанри «қисса»-и аз тарафи Р. Раҳмонов шарҳу тафсирдода баръало намудор мегардад» (саҳ. 45). Дар охири қисм аз ҷониби муҳаққиқи диссертатсия ҷадвал тартиб дода шудааст, ки аз рӯйи он тафовути жанрҳои насри гуфторӣ баръало дида мешавад.

Дар қисми сеюми боби аввал **«Сохтор ва мавзуи жанри ривоят»** шаклу ҳаҷм, банду баст, услубу сабки баён, дар бар гирифтани воситаҳои тасвири бадеии ривоят дар маркази пажуҳиши диссертант қарор гирифтаанд. Мусаллам аст, ки ҳар як жанри насрӣ дорои тарзи баён, сохтор ва бадеияти хоси худро доранд, ки бо ин хусусиятҳо аз ҳамдигар тафовут доранд. Бо вуҷуди ин, бархе аз ривоятҳо бо дигар жанрҳои насрӣ монандӣ доранд, ки аз ин бора диссертант ишора кардаст: «Дар баъзе ривоятҳо агар унсурҳои афсона дида шавад, дар қисми дигаре хусусиятҳои нақлӣ-воқеӣ ҷой доранд. Баъзан, дар ривоят дар маҷмуъ ҳам хусусияти нақлӣ-воқеӣ ҷой дошта ва ҳам хаёлҳои бофтаву муболиғаомези гӯяндаҳо акс ёфтаанд. Дар ин ҳолат ривоят дар байни афсона ва ҳикояҳои таърихӣ ё воқеӣ қарор мегирад, ки чунин ҳолат барои муайян сохтани вижагии жанрии ривоят мушкилиро ба миён меорад» (саҳ. 51). Диссертант барои тақвияти андешаи худ матнҳои мухтасари ривоятҳоро барои мисол овардааст, ки воқеан, андешаи мазкури диссертант ҷойи баҳси илмӣ надошта, қобили қабул ва дастгирист.

Боби дуюми диссертатсия **«Баррасии ривоятҳои мардуми Бадахшон»** унвон дошта, аз чор қисм иборат аст. Қисми аввал – **«Таҳқиқи ривоятҳо оид ба ашё ва ҳодисаҳои табиат»** ба таҳқиқу баррасии ривоятҳо доир ба обу чашма ва рӯдхонаҳо, ки яке аз унсурҳои табиат ва ҳаётан муҳимми башарият мебошад, бахшида шудааст. Зимни таҳлили ин намуди ривоятҳо диссертант расму оинҳо, ки вобаста ба об иҷро мешуданд, муфассал шарҳу тафсир медиҳад. Аз ин таҳлилҳо диссертант

ба хулоса меояд, ки «ривоят заминаи воқеӣ-ҳаётӣ дошта бошад ҳам, он аз иբораву ифодаҳои қолабӣ, ки вижагии асотирӣ доранд, орӣ нест ва маҳз онҳо хусусияти жанрии онро таъйин намудаанд» (саҳ. 65).

Дар қисми дуюм «**Таҳқиқи ривоятҳо дар бораи дарахти арча ва чанор**» доир ба ин намуди ашёи табиат тадқиқот бурда шудааст. Дар ин қисм диссертант чи тавр дар ҳаёти мардум мавқеи муҳим доштани ин дарахтҳоро ба риштаи таҳқиқ кашида, эътиқоду ихлос, маърифати дарки муҳити зисту зиндагонии одамон дар ривоятҳо нишон дода шудааст.

Қисми сеюм – «**Таҳқиқи ривоятҳо роҷеъ ба кӯлҳои Бадахшон**» асосан доир ба ақидаҳои мардум нисбат ба сабаби пайдоиши ин кӯлҳо, ки дар ривоятҳо акс ёфтаанд, дар асари мазкур маълумот додааст.

Дар қисмати чорум «**Таҳқиқи ривоятҳо доир ба сангҳо**» нақши ин ашёи табиат дар ҳаёту рӯзгори маскунони кӯҳистон ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Диссертант аз рӯйи ривоятҳое, ки ба ин мавзуъ бахшида шудаанд, сабаби ихлосу эътиқод пайдо намудани мардумро нисбат ба сангҳо шарҳу тафсир додааст ва бо маводҳои муътамад фикри худро тақвият бахшидааст.

Боби сеюми рисола «**Инъикоси воқеаҳои таърихӣ дар ривоятҳои мардуми Бадахшон**» унвон дошта, аз се қисм таркиб ёфтааст. Қисми аввал «**Заминаи ривоят – воқеият**» буда, дар он сухан доир ба хусусияти таърихӣ доштани ривоят ва аз тарафи муаррихону муҳаққиқон истифода шудани ривоятҳо ҳамчун манбаъҳои таърихӣ маълумот дода мешавад. Диссертант ривоятҳоро ҳамчун инъикосгари ҳодисаҳои таърихӣ бо овардани мисолҳо нишон дода, ба чунин натиҷа расидааст: «Ба таври шифоҳӣ интишор ва нақл шудани ривоят аз насл ба насл, шакли озоди матни ривоят, тадриҷан дур шудан аз давроне, ки ҳодиса ва шахсиятҳо дар онҳо ҷой доштанд, омехташавӣ бо дигар жанрҳои насри халқӣ боиси коста шудани манбаъҳои таърихӣ гардида, архаизму хаёлҳои бофта дар матн бештар намудор мегарданд, ки баъзан хусусияти фантастикиро касб мекунад. Ба ин нигоҳ накарда, заминаи таърихии ривоятҳо то андозае боқӣ мемонад. Ҳамчунин, қабул ва дарк кардани ривоятҳо чун нақли саҳеҳ аз гузашта дар аксар ҳолатҳо аз тарафи муҳаққиқон ба назар гирифта мешавад» (саҳ. 99).

Дар қисми дуюм - «**Ривоятҳо доир ба шахсияти Шоҳ Бурҳони Валӣ**» нақши симои ин шахси таърихӣ дар ривоятҳо таҳқиқ шудааст. Диссертант дар ин қисмат эътиқоди зиёд доштани мардуми Кӯҳистони Бадахшонро нисбати Шоҳ Бурҳони Валӣ нишон дада, ҳамзамон мавқеи ривоятҳоро дар иҷрои расму оинҳои вобаста ба ин шахсият бо овардани намунаҳои матн ҳамаҷониба таҳлил намудааст.

Қисми сеюм **«Доир ба шахсияти Ҳаким Носири Хусрав дар ривоятҳои мардумӣ»** унвон дошта, диссертант дар ин ҷо ҳам ба таври гуфторӣ ва ҳам ба тариқӣ навишторӣ паҳн гаштани нақлу ривоятҳо дар бораи ин мутафаккиру файласуфи бузург байни мардум ибрози ақида мекунад. Азбаски ба ҳақиқат рост омадани бархе аз ривоятҳо баҳснок ҳастанд, муҳаққиқи диссертатсия бо овардани мисолу андешаҳои дигар муҳаққиқон доир ба ин масоил таҳлили комилан имиро ба анҷом расондааст.

Диссертатсияи **Шакармамадов Ориф Нисормамадович** - **«Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)»** вобаста ба ҳадафу равиш ва методологияи таҳқиқ, масъалагузориҳо, шеваи баррасиҳои илмӣ, назари инфиродии муаллиф ва натиҷагириҳо бо забони равони илмӣ навишта шуда, пажуҳиши тоза дар фолклоршиносии тоҷик маҳсуб мешавад.

Бояд афзуд, ки дар саропои диссертатсия омодагии муносиби ҳирфаӣ ва илмиву методологии диссертант ва вуруди комили ӯ ба маводи фаровони адабиёти гуфторӣ ба таври равшану гӯё таҷассум ёфтааст ва аз кофишҳои чандинсола ва бобарори диссертант дарак медиҳад. Ногуфта намонад, ки як хусусияти хуби дигари амали диссертант дар он аст, ки баъзан аз ҷониби фолклоршиносону адабиётшиносон дар таълифоташон жанрҳои ривоят, нақл, қисса ва амсоли онҳоро нодуруст муайян ва номгузорӣ кардаанд, нозукбинона ислоҳ намуда, сабабҳои носаҳеҳ чунин унвон гирифтани жанрҳои мазкурро илман шарҳ додааст. Ҳамзамон, дар муқоиса ва тарҷума истифода шудани баъзе шарҳу тафсири муҳаққиқони рус доир ба вижагиҳои жанрҳои насри гуфторӣ, аз қабили «миф», «легенда», «предание» дар диссертатсия ҷиҳати дигари хуби кори диссертантро ҳувайдо мегардонад.

Муҳтавои илмии диссертатсия дар маҷмуъ комил буда, дар ҷараёни таҳқиқ аз 222 сарчашмаю осори таҳқиқӣ бо забонҳои тоҷикиву русӣ истифода шудааст.

Хулосаи таҳқиқи диссертатсионӣ аз 13 банди мушаххас иборат аст, ки натиҷагирии мантиқӣ ва арзишмандии илмӣ аз пажуҳиши мавзуъ аст. Инчунин, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия дар 4 банди фишурда баён гардидаанд.

Дар радифи дастовард ва бартариҳо дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Айнан такрор шуда омадани баъзе андешаҳои диссертант дар саҳифаҳои зайл ба чашм расиданд, ки дар оянда ислоҳи онҳо ҳатмист:

саҳифаи 3 ва 4 дар саҳифаҳои 26 ва 27, саҳифаи 5 дар саҳифаи 17, саҳифаи 20 дар саҳифаи 22.

2. Сархати аввали бахши “Дарачаи таҳқиқи мавзуъ” бечо омада, он бояд дар қисмати “Объекти таҳқиқ” навишта мешуд.

3. Чор саҳифаи аввали зермавзуи 1.1 “Вижагиҳои жанри ривоят”-и боби якум (аз саҳ. 14 то 17) асосан ба зермавзуи мазкур иртиботи ҷиддӣ надоранд. Дар оянда диссертантро лозим аст, ки андешаҳои мазкурро ё ҳафз кунад ё зермавзуи дигар таҳти унвони “Гирдоварӣ ва нашри ривоятҳои халқӣ” илова намояд.

4. Хуб мешуд, агар диссертант дар охири зермавзуи 1.1 “Вижагиҳои жанри ривоят”- и боби якум вижагиҳои жанри мазкурро мушаххасан дар ҷадвал нишон медод, ба мисли ҷадвали саҳифаи 50.

5. Ҷо-ҷо баъзе калима, ибора, истилоҳ ва мафҳумҳо дар нохунак (“...”) бемавқеъ гирифта шудаанд, аз ҷумла дар саҳифаҳои 44, 45 ва 47. Ҳамзамон, баъзе аз онҳо бошад, баръакс берун аз нохунак омадаанд (саҳифаҳои 28, 48 ва 49), ки ислоҳ бояд кард.

6. Дар саҳифаи 69-и диссертатсия танҳо як матн ривояти мардуми Суғд оварда шудааст. Агар дар қатори ривоятҳои мардуми Кӯҳистони Бадахшон намунаи ривоятҳо аз дигар манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳлилу муқоиса оварда мешуд, беҳтар мегардид.

7. Диссертантро лозим буд, ки ба ҷойи баъзе адабиёти истифодашудаи нолозим адабиёти муҳимми солҳои охир ба табъррасида, ки доир ба мавзуи таҳқиқ бевосита тааллуқ доранд, ҳатман истифода мебурд, аз қабили мақолаҳои А. Аминзода «Ривоятҳои мардумӣ ва нақши онҳо дар рушди сайёҳӣ» (соли 2023), «Баррасии чанд ривоят дар бораи зиёратгоҳҳои ҷумҳурӣ» (соли 2024) ва амсоли ҳамин.

8. Тибқи имлои нави забони тоҷикӣ дар диссертатсия баъзе калимаҳо нодуруст навишта шудаанд, чунончӣ: «муҳимми» дар шакли «муҳими» (саҳ. 61, 67, 97, 99, 100, 109, 132); «мавзуъ» дар шакли «мавзӯъ» (саҳ. 37, 100) ва ғайра.

Новобаста ба ин камбудиву нуқсонҳо, ки хусусияти ҷузъӣ ва тавсиявӣ доранд, **Шакармамадов Ориф Нисормамадович** дар се боби диссертатсия ҷанбаҳои муҳими жанри ривоят ва мавқеи онҳоро дар ҳаёти рӯзгори мардум бо фарогирии мисол ва матнҳои фаровони фолклорӣ ва таҳлили онҳо дар сатҳи муносиби методологияи илмӣ, банду басти проблема ва роҳҳои таҳқиқи онро бо равишмандии лозимаи ҳирфаӣ ва забони фасеҳи илмӣ ба пажуҳиш гирифтааст.

Хулоса, диссертатсия **Шакармамадов Ориф Нисормамадович** дар мавзуи **«Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари**

**насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи **Шакармамадов Ориф Нисормамадович** муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд. Мавзуи интихобнамудаи диссертант ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқи шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.09 – Фолклоршиносӣ комилан мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи **Шакармамадов Ориф Нисормамадович** дар мавзуи **«Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)»** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёти
факултети филологияи тоҷики
ДДОТ ба номи С. Айнӣ                    Қосимӣ С. А.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: +(992) 206 52 52 52
E-mail: qosimisa2024@mail.ru

Имзои Қосимӣ С. А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ                    Мустафозода А.
«12» марти 2025

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС